Date Printed: 11/06/2008

JTS Box Number: IFES_12

Tab Number: 16

Document Title: Manual for Election Observers (2000)

Document Date: 2002

Document Country: Tajikistan

IFES ID: R01886

*42C187FD-AF93-4A10-94F9-8D50E176E648*

**International Foundation for Election Systems (IFES)**

**Final Project Report**
**REPUBLIC OF TAJIKISTAN**
**October 1, 1997 – September 30, 2002**
**USAID Cooperative Agreement EE-A-00-97-00034-00**

Manual for Election Observers (2000)
(in Russian and Tajik)

Маркази Ахбору Таҳлилии «ШАРҚ»

# *ДАСТУРИ НОЗИР ОИД БА РАФТИ ИНТИХОБОТ*

*Барои нозирони интихоботи 27 феврали депутатҳои Маҷлиси Намояндагон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шудааст*

Ҷумҳурии Тоҷикистон
Душанбе 2000

## Тавсияҳо ба нозирон

- Назоратро то омада расидан ба нуқтаи овоздиҳи шурӯъ намоед. Нуқтаҳои аҳолинишинро ба мушоҳида бигиред, ки оё тарғибот бурда мешавад ё дар наздикии участкаи интихоботӣ фаъолияти шубҳаовар сурат мегирад.
- Ба мавқеият дастрасӣ ва коршоям будани участкаи интихоботӣ таваҷҷуҳ бикунед. Лаҳзаҳои заифи кори ташкилиро ба қайд бигиред, масалан навбатҳои хеле дарозро ё одамонеро, ки ба назар бемақсадона дар атроф гаштугузор мекунанд. Ҳамчунон мавҷудияти милисаҳо ё дигар хизматчиёни давлатиро, ки дар участкаи интихоботӣ то дер мемонанд ба қайд бигиред.
- Тартиботи пешазинтихоботӣ аз соати 00:00 як рӯзи пеш аз интихобот ва инчунин дар рӯзи интихобот манъ мешавад. Бубинед, ки оё маводҳои иҷозатдоданашудаи тарғиботии ҳизбӣ мавҷуд мебошанд, ба монанди, брошураҳо дар бораи номзадҳо, адабиёти ҳизбӣ ва дастурҳои ғайрирасмӣ ба интихобкунандагон. Ва ҳамаи ҳодисаҳои тарғиботи пешазинтихоботӣ ё пешниҳоди эҳтимолии харида гирифтани интихобкунандагони ба ҷои овоздиҳӣ меомада, таваҷҷуҳ намоед.
- Аз рӯи имкон фаъолияти интихоботиро вайрон накарда кӯшиш кунед, ки бо аъзои дигари комиссия ва ҳамчунон бо намояндагони ҳизбу номзадҳои дигар гуфтугӯ намоед.
- Бо дигар нозирон гуфтугузор карда, боварӣ ҳосил намоед, ки дар наздикии шумо кормандони участкаи интихоботии мазкур, ки метавонистанд суханҳои шуморо шунаванд, ҳозир нестанд.
- Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳамаи ашхосе, ки ба ҳайси кормандони комиссияҳои интихоботи кор мекунанду бюллетенҳоро медиҳанд ё бо онҳо сарукор доранд, аъзои таъинашудаи комиссия мебошанд.
- Таваҷҷуҳ намоед, ки оё дар атроф кадом як ашхос ё гурӯҳи шахсоне, ки ашхоси мансабдори интихобкунандагоне, ки барои овоздиҳӣ навбат мепоянд ё нозирон намебошанд, беҳуда гаштугузор мекунанд ё не. Ба тарҳ ва ташкили ҷои овоздиҳӣ, аз ҷумла ташкили вазифаҳо дар байни аъзои комиссия ҷойгир шудани мизҳо ва маводҳои пешазинтихоботӣ, кабинаҳои овоздиҳӣ, инчунин қуттиҳои овоздиҳӣ таваҷҷуҳ намоед.Муайян бикунед, ки чунин ҷо *ба* ҷокунӣ то чӣ андоза ҷараёни омадани интихобкунандагонро натиҷабахш ва амнияти кофии ҳифзи маводҳоро таъмин мекунад.
- То чӣ андоза тарҳ ва ҷойгиршавии кабинаҳои овоздиҳӣ шароитҳои зарурииро барои овоздиҳии пинҳони муҳайё кардаанд. Оё қуттии бюллетенҳои интихоботӣ пеши назари аъзои комиссия ва нозирон воқеъ аст?
- Ба тарҳи бино таваҷҷуҳ намуда муайян бикунед, ки оё ҳама чиз ба назари нозирон аён аст. Оё намояндагони номзадҳо ё иттиҳодияҳои интихоботи бо монеъаҳо ё маҳдудиятҳои назорат кардан мувоҷеҳ ҳастанд?
- Аз раис хоҳиш бикунед, ки теъдоди бюллетенҳое, ки дар ибтидо ба комиссияи участкавии интихоботи омадаанд ва ҳамчунон теъдоди маҷмӯии интихобкунандагон дар руйхати интихобкунандагон тафтиш ва тасдиқ карда шаванд.
- Оё дар руйхати интихобкунандагон ин ё он ишораҳои ғайриоддӣ дар паҳлӯи номи одамон мавҷуд аст? Агар, ҳа, пас ҳар як аз ин ишораро хоҳиш кунед, ки тавзеҳ бидиҳанд (масалан вафот кардааст, кӯчида рафтааст ва ғ.)

## Руйхати интихобкунандагон

Дар Моддаи 24 Қонун омадааст: "Ба руйхати интихобкунандагон ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки то рӯзи интихобот 18 сола шудаанд, ҳангоми тартиб додани руйхат дар ҳудуди участкаи дахлдори интихобот ба таври доимӣ ё муваққатӣ истиқомат мекунанд ва ҳуқуқи интихоботӣ доранд дохил карда мешаванд".

Комиссияҳои интихоботии участкавӣ руйхатҳоро бояд дар асоси ахборе, ки органҳои маҳаллии давлатии иҷроиявӣ пешниҳод мекунанд, тартиб бидиҳанд. Руйхатҳои интихобкунандагон дар қисмҳои ҳарбӣ, беморхонаҳо, меҳмонхонаҳо ва ғ. бояд дар асоси маълумоти роҳбарияти ташкилотҳои мазкур тартиб дода шаванд (яъне фармондеҳи қисми ҳарбӣ).

Руйхат дар ду нусха бояд тартиб дода шавад. Тавсия дода мешавад, ки руйхати интихобкунандагон аз руи алфавит ё дигар тартиботӣ, барои гузаронидани овоздиҳии мувофик, тартиб дода шавад. Дар руйхати интихобкунандагон фамилия, ном, номи падар, соли таваллуд (барои 18 солаҳо - иловатан рӯз ва моҳи таваллуд) ва ҷои истиқомати доимӣ нишон дода мешавад. Руйхатҳо бояд аз ҷониби раиси комиссияи участкавӣ имзо карда шаванд. Ба руйхати интихобкунандагон баъди овоздиҳӣ дар рӯзи интихобот тағйирот ворид намудан манъ аст.

## Пешниҳод ва тағйироти руйхати интихобкунандагон

Рӯйхати интихобкунандагон барои шиносоии умуми бояд 15 рӯзи тақвимӣ қабл аз рӯзи овоздиҳӣ пешниҳод гарданд. Дар беморхонаҳо, санаторияҳо, хонаҳои истироҳатӣ ва дигар ташкилотҳои Тоҷикистон - то 5 рӯзи тақвимӣ. Ба шаҳрвандон имконият дода мешавад, ки дар бинои комиссияҳои дахлдори интихоботӣ бо ахбори пешниҳодшуда шинос шаванд ва дурустии онро тафтиш кунанд.

Ҳар як шаҳрванд ҳақ дорад, ки ба комиссияи участкавӣ ё ҳавзавии интихоботӣ дар бораи дохил нашуданаш ба руйхати интихобкунандагон ва дар бораи ҳар кадом саҳву хато ё ноаниқӣ дар руйхати интихобкунандагон муроҷиат намояд. Дар муддати 2 рӯз, дар рӯзи интихобот бошад-фавран, комиссияи интихоботӣ вазифадор аст, ки ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо тафтиш намуда, ба аризадиҳанда қарори худро ва тавзеҳот оид ба қарорҳоро бирасонад.

Тавзеҳ: *Қайдҳо дар руйхати интихобкунандагон ахбори барои ҳама аён мебошад ва шаҳрвандон ба он дастрасии бемамониат доранд.*

## Бюллетени интихоботӣ

Дар бюллетенҳо омадааст:

- номи органе, ки ба он интихобот гузаронида мешавад;
- рақами ҳавза;
- ба тартиби алифбо фамилия, ном, номи падар, соли таваллуд, ҷои истиқомат, ҷои асосии корӣ ё шуғли ҳар як номзад.

Дар мавриди хориҷ шудани баъзе аз номзадҳо баъд аз тайёр кардани бюллетенҳои интихоботӣ, комиссияҳои участкавии (ҳавзавии) интихобот бо

супориши комиссияҳои болоии интихобот маълумотҳоро дар бораи номзадҳои зикршуда аз бюллетенҳо хат мезананд.

*Тавсияҳо ба нозирон:*

- Тарзи додани бюллетенро ба назорат гиред. Онҳоро аъзои комиссияи интихоботӣ медиҳанд ё интихобкунандагон онро худашон мегиранд.
- Таваҷҷуҳ бикунед, ки бюллетенҳо дар куҷо чойгир шудаанд. Ашхоси ғайр ба он дастрасӣ доранд ё не.
- Пурсон кунед, ки бюллетенҳо ва маводҳои дигар барои овоздиҳӣ кай дастрас шудаанд ва чӣ гуна то рӯзи овоздиҳӣ боэътимод нигохдорӣ шудаанд.

## Тартиби овоздиҳӣ

Ҳар як интихобкунанда шахсан овоз медиҳад. Ба чои интихобкунандагони дигар овоз додан мумкин нест. Овоз додан бо шиносномаҳои аъзои оила ва ҳамсояҳо тибки қонун манъ аст.

## Протседураи овоздиҳӣ

- Бюллетенҳои интихоботӣ ба интихобкунандагоне, ки ба рӯйхати интихобкунандагон дохил карда шудаанд бо пешниҳоди шиноснома ё ҳуччате, ки шахсияти интихобкунандаро тасдиқ менамояд, дода мешавад.
- Ҳуччати шахсияти интихобкунандаро тасдиққунанда - шиноснома ё ҳуччати онро ивазкунанда мебошад. Ба ҳуччатҳои шиносномаро ивазкунанда дохил мешаванд: шаҳодатномаи афсар, билети ҳарбии сарбози дар сафҳои артиш буда; маълумотномаи навъи муқарраршуда, ки органҳои корҳои дохила додаанд, шаходатномаи нафака.
- Интихобкунанда дарҳол баъди гирифтани бюллетен дар паҳлӯи *номи* худ дар руйхати интихобкунандагон имзо мегузорад.
- Интихобкунандаро ба кабинаи махсус чихозонидашуда ё дигар чои муҷаҳҳаз равона мекунанд, ки дар он ҳозир будани ашхоси дигар мумкин нест. Дар онҷо интихобкунанда ному насаби номзадҳо ё ҳизбҳои сиёсиро, ки муқобили онҳо овоз медиҳад, хат мезанад.
- Дар кабинаи овоздиҳӣ бояд фақат як одам ҳозир бошад ба истисноӣ ҳодисаҳое, ки ба интихобкунанда тибки моддаи 42 ёрӣ лозим аст.
- Бюллетенҳоро пур карда, интихобкунанда шахсан онҳоро ба қуттӣ меандозад. Аъзои комиссия ва нозирон бояд қуттии интихоботиро хуб дида тавонанд, то ин ки боварӣ ҳосил намоянд, ки интихобкунанда дар ҳақиқат бюллетенҳоро ба қуттӣ андохт.

## Истисноҳо аз протседураи маъмулӣ

Агар интихобкунанда ҳангоми пур кардани бюллетен ба хато роҳ диҳад, вай ҳак дорад, ки бюллетени нав талаб намоад. Аъзои комиссияи интихоботӣ бюллетени нав медиҳад ва дар руйхати интихобкунандагон қайди махсус мекунад. Ин бюллетен бояд як сӯ гузошта шуда, дар Протокол ба руйхати "бюллетенҳои бекоршуда" дохил карда мешавад.

Интихобкунандае, ки мустақилона барои гирифтани бюллетен имкони имзо гузоштанро надорад ва наметавонад бюллетенро пур намояд, барои ин аз

ёрмандии интихобкунандаи дигар, ки узви комиссияи интихоботӣ, номзад, шахси бовариноки номзад ва нозир намебошад, истифода намудан ҳақ дорад.

## Оовдиҳии хориҷ аз бинои овоздиҳӣ

- Овоздиҳӣ бо кӯмаки қуттиҳои интиқолдиханда, танҳо дар рӯзи интихобот гузаронида мешавад. Дар ҳар як участаки интихоботӣ фақат як қуттии интиқолдиҳанда истифода карда мешавад.
- Ду узви участкаи интихобота бо мушоиати шахсони боваринок ё нозирон овоздиҳиро бо кӯмаки қуттиҳои интиқолӣ мегузаронанд.
- То оғози овоздиҳӣ хориҷ аз участкаи интихоботи раиси участкаи интихобота бояд ҳуқуқи шахси боваринок ва нозирони аккредитатсияшударо барои мушоиат ва назорати чунин тарзи овоздиҳӣ эълон намояд.
- Овоздиҳӣ дар хориҷ аз бинои овоздиҳӣ фақат дар асоси аризаи хаттӣ ё мурочиати шифоҳӣ гузаронида мешавад. Ариза ё мурочиатро дар ҳар кадом вақти баъди ташкили комиссия, вале на дертар аз 6 соат то анҷоми вақти овоздиҳӣ изҳор намудан мумкин аст.
- Дар ариза бояд сабаби имкон надоштани омадан ба бинои овоздиҳӣ ному насаби интихобкунанда, маълумоти шиноснома ё шаҳодатномаи шахсият ва ҷои истиқомат нишон дода шавад.
- Ҳангоми қайди мурочиати шифоҳӣ вақти расидани он нишон дода мешавад ва имзои узви комиссия, ки онро қабул кардааст гузошта мешавад.

Барои гузаронидани интихобот бо қуттиҳои интиқолӣ ба гурӯҳи мушоиати қуттиҳои интиқолӣ раис бояд маводҳои зеринро бидиҳад:

- Қуттии мӯҳрзадашуда барои овоздиҳӣ;
- Аризаи интихобкунандагон дар бораи овоздиҳӣ бо кӯмаки қуттиҳои интиқолии овоздиҳӣ ё ҳуччатҳое, ки мурочиати шифоҳиро барои аризаҳое, ки аъзои комиссияҳои интихоботӣ гирифтаанд, тасдиқ менамоянд;
- Теъдоди бюллетенҳо, ки ба теъдоди аризаҳои пешакӣ ва мурочиатҳои шифоҳи, ки ҳуҷҷатнок карда шудаанд мувофик мебошанд.
- Дар руйхати интихобкунандагон дар сутуни имзоҳо бояд ҚАЙД карда шавад, ки интихобкунандаи мазкур "дар хориҷ аз участкаи интихоботӣ овоз додааст".
- Ҳангоми бозгашт ба участкаи интихоботӣ ба руйхати интихобкунандагон теъдоди овоздодагон бо кӯмаки қуттии интиқолии овоздиҳии интихобкунандагон рақами шиносномаи онҳо ё дигар ҳуҷҷати тасдиқи шахсият бояд дохил карда, ҳамчунин бояд кайд карда шавад, ки интихобкунавдагони мазкур "дар хориҷ аз бинои овоздиҳӣ овоз додаанд".

## Тавсияҳо ба нозирон

- Пурсон кунед, ки ба руйхат чанд нафар интихобкунандагон дохил карда шудаанд ва чанд нафари онҳо ҳақиқатан барои овоздиҳӣ омаданд. Ин рақамҳоро нависед ва вақтро кайд намоед. Баъдан дар давоми рӯз шумо ҳис мекунед, ки тамоми ҳозиршавии интихобкунандагон чӣ гуна аст.
- Пурсон кунед, ки оё ҳодисаҳои роҳ надодан ба овоздиҳӣ ба сабаби дохил нашудани интихобкунанда ба руйхат ё надоштани шаҳодатномаи дахлдори шахсият рух додаанд. Бипурсед, ки дар ин чунин вазъият чӣ кор карда мешуд ва ин проблемаҳо ба чӣ тарз ҳал мегардиданд. Кайд кунед, ки чанд нафар одам

бо чунин проблема рӯ ба рӯ шудааст ва оё факти мазкур дар протокол қайд шудааст ё не.

- Теъдоди маҷмӯии интихобкунандагонро дар руйхат ва теъдоди интихобкунандагонро, ки дар руйхат чун дар хориҷ аз бино овоздодагон қайд шудаанд, муқоиса бикунед. Бубинед, ки оё теъдоди интихобкунандагоне, ки дар хориҷ аз бинои овоздиҳӣ овоз додаанд, ба назар хеле зиҳд мерасад ё не. Барои шиносоӣ бо руйхатҳо иҷозат гиред ва қайд намоед, ки чанд тарз ном ба чунин тарз қайд гардидааст.
- Бубинед, ки оё интихобкунандагон аз номи ашхоси дигар кӯшиши овоз додан мекунанд. Оё кушишҳои ба ҷои аъзои оила овоз додан ҷой доранд? Ба мушоҳида бигиред, ки кормандони участкаи интихоботӣ оё ба ин роҳ медиҳанд. Дахолат накунед. Чун нозир, шумо метавонед савол диҳед ва қайд бикунед, вале ба раванди интихоботӣ набояд дахолат кунед. Ба он чиз таваҷҷӯҳ бикунед, ки оё касе дар участкаи интихоботи ба теъдоди зиҳди интихобкунандагон ба пур кардани бюллетенҳо ёри мерасонад.
- Таваҷҷӯҳ намоед, ки оё пинҳони будани овоздиҳӣ таъмин шудааст ва оё ба одамон иҷозат дода мешавад, ки ба кабинаҳои овоздиҳӣ якҷоя ворид шаванд.
- Пурсон кунед, ки оё касе дар овоздиҳӣ ба якчанд интихобкунанда ёрӣ медиҳад.
- Аз рӯи имкон қуттии интиқолии овоздиҳиро мушоиат кунед. Нигаред, ки оё бюллетенҳои ба тарзи бояду шояд ба ҳисоб гирифта мешаванд ва қайд намоед, ки дар ин маврид кадом протседураҳо риоя мешаванд.
- Ошкор намоед, ки оё системаи овоздиҳӣ аз тариқи қуттиҳои интиқолӣ мувофиқи мақсад истифода мешаванд ва оё он ба мақсади ҷалб намудани интихобкунандагоне, ки номзади мушаххасро дастгирӣ мекунанд ё ҳамчун василаи зиҳд намудани фоизи интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштирокдошта истифода нагардидааст.
- Аз раис бипурсед, ки оё ягон норозигӣ, вайронкорӣ ё шикоятҳо ҷой доштанд. Мароқ зоҳир бикунед, ки ба чӣ тарз онҳо ҳалли худро ёфтаанд.
- Муайян кунед, ки оё аломатҳои норавои фишор ба интихобкунандагон ҷой доранд ё не ва ҳамчунин оё якҷоя бо бюллетенҳо дастурҳо низ тақсим карда мешаванд.

## Ҳисоб кардани овозҳо

### Пӯшида шудани участкаи интихоботӣ

Участкаҳои интихоботӣ соати 20:00. вақти шом пӯшида мешаванд(Моддаи 42). Моддаи 46 Қонун пешбинӣ кардааст, ки ҳисобкунии овозҳои интихобкунандагон фавран баъди хатми овоздиҳӣ шурӯъ шуда, бе танаффус то муқаррар намудани натиҷаи овоздиҳӣ идома меёбад.

- Раиси комиссияи интихоботӣ ба ҳамаи аъзои комиссия, шахсони боваринок ва нозирон дар бораи анҷоми овоздиҳӣ эълон менамояд.
- Ба он интихобкунандагоне, ки ба участаки интихоботӣ соати 8:00. шомгоҳ омадаанд, барои овоз додан иҷозат дода мешавад.
- То оғози ҳисобкунии овозхо раиси комиссияи участкавии интихоботӣ ба ҳамаи ҳозирини дар бино буда мурочиат карда оид ба тартиби хисобкунии овозҳо эълон мекунад. Дар айни замон вай ҷои нозирон ва намояндагони васоити ахбори умумро нишон медиҳад.

*Нозирон!*

*Ба шумо бояд ичозат дода шавад, ки ба кадри кофӣ ба чои хисобкунӣ наздиктар бошед, то ин ки ин амалро хуб дида тавонед. Агар чунин набошад, бевосита ба раиси комиссияи участкавии интихоботӣ мурочиат кунед..*

*Хохишмандем дар назар дошта бошед, ки шумо ба хеч вачх ба бюллетенхо, мухрхои куттихо ва дигар асноди мухим набояд даст расонед. Агар шумо чизеро тафтиш кардан хохед, масъалан сабаби бе эътибор дониста шудани бюллетенро, ки дар кафои бюллетен кайд карда мешавад, дар он холат хохиш намоед, ки онро ба шумо нишон бидиханд.*

- Натичахои хар як мархалаи хисобкунӣ бояд бо овози баланд эълон шуда, ба протокол дохил карда шаванд. (Протоколи комиссияи участаквии интихоботӣ дар бораи натичахои интихобот).
- Кабл аз кушодашавии куттихо бюллетенхои истифоданашуда ва бюллетенхои беэътибор хисоб карда мешаванд. Хамаи онхо бояд нобуд карда шаванд, ки барои ин кунчи поёнии тарафи рости он бурида мешавад.
- То кушодани хар як куттии овоздихӣ раис тафтиш мекунад ва ба аъзои комиссияи интихоботӣ, ашхоси ваколатдор ва нозирон ичозат медихад, ки сургуч ва мухри куттихои овоздихӣ вайрон нашудаанд.
- Хеч як аъзои комиссия, ки дар хисобкунии бюллетнхо иштирок мекунанд, дар дасти худ ягон асбоби тамгазанӣ набояд дошта бошанд.

Аввалин бюллетенхои куттихои интиколӣ, ки барои овоздхӣ дар хорич аз бинои овоздихӣ истифода шудаанд, хисоб карда мешаванд. Пеш аз кушодашавии хар як куттӣ яклухтии мухри он тафтиш карда мешавад. Хар як аз хозирини участкаи интихоботӣ метавонад мухрро кабл аз кушодани куттӣ тафтиш намояд. Баъдан хамаи бюллетенхо аз куттихо гирифта мешаванд ва бюллетенхои шаклашон гайримукаррарӣ бидуни хисобкунӣ нобуд сохта мешаванд. Пас аз ин бюллетенхои шаклашон мукарраршуда хисоб карда шуда, теъдоди онхо эълон мегардад ва ба протокол дохил карда мешавад.

Баъди хисобкунии куттихои интиколӣ, хамон тартиби тафтиш хангоми хисобкунии куттихои доимӣ истифода мешавад.

- Вакте, ки теъдоди умуми бюллетенхои аз куттихои интиколӣ ва доимӣ гирифташуда муайян мешаванд, вай эълон мегардад ва бюллетенхо барои назорати муоинашавандаи хамаи шахсони хангоми хисобкунӣ хозирбуда, пешниход мешавад.
- Хангоми хисобкунии хама навъхои бюллетенхо тартиби зерин истифода мешавад:
- Бюллетенхои аз куттихои интиколӣ ва доимӣ гирифташуда, мутобикан бо навъашон муттахид карда шуда, ба дастахо таксим мешаванд: тибки руйхатхои хизбӣ "хавзавӣ" ва мачлисхои махаллӣ".
- Хисобкунӣ аз дастаи "руйхатхои хизбӣ" шуруъ мешавад. Баъди хисобкунии бюллетенхо "тибки руйхатхои хизбӣ" бюллетенхои "хавзавӣ " хисоб карда мешавад. Хисобкунии овоздихӣ бо бюллетенхои "мачлисхои махаллӣ" ба анчом мерасад.
- Агар равшан набошад, ки оё бюллетен хакикӣ аст ё не комиссияи участкавӣ бо аксарияти овозхо, дар бораи хакикӣ ё беэътибор будани он карор кабул мекунад. Барои хар як бюллетени беэътибор асосномаи карор дар кафои он навишта мешавад.
- Баъдан теъдоди бюллетенхои беэътибор хисоб карда шуда ба протокол дохил карда мешавад.

- Ва ниҳоят, теъдоди овозҳо барои ҳар як номзад, ҳизб аз рӯи навбат ҳисоб карда мешавад. Дар мавриде, ки агар теъдоди он ба теъдоди умумии бюллетенҳои додашуда мутобиқат накунад, комиссия муқаррар мекунад, ки ҳисобкунии такрорӣ зарур аст ё не.

## Протокол

Протокол дар бораи натиҷаҳои овоздиҳӣ дар ду нусха тартиб дода шуда, аз тарафи аъзои ҳозирбудаи комиссияи участкавии интихоботӣ бо нишондоди таърих ва вақти имзошуда, имзо карда мешавад. Раис ё аъзои дигари ваколатноки комиссияи участкавӣ протоколро бояд бо ручка пур намояд. Истифодаи қалам мумкин нест. Протокол ҳамон вакт ҳақиқӣ аст, ки агар онро аксарияти теъдоди аъзои комиссияи интихоботӣ имзо карда бошанд.

- Нусхаи аввал фавран ба комиссияи ҳавзавӣ, бо асноди интихоботӣ, аз ҷумла бюллетенҳои интихоботӣ, шикоятҳо (аризаҳо), қарор ва актҳои аз ҷониби комиссияи интихоботӣ тартибдодашуда, фиристода мешавад.
- Нусхаи дуюми протокол то анҷоми кори комиссия дар дасти котиб ҳифз мешавад.Нусхаҳои дуюми протоколҳо барои шиносоии нозирон ва шахсони боваринок вогузошта мешаванд.

Агар имкон бошад протоколро нусхабардорӣ бикунед ва онро бо имзои раиси комиссияи участкавии интихоботӣ ва мӯҳр тасдиқ намоед.

## Бастани бюллетенҳо

Ҳамаи бюллетенҳо бояд баста шаванд ва ба ҳамаи онҳо бояд мӯҳр гузошта шаванд. Ин амал дар вақти ҳозир будани нозирон, намояндагони номзадҳо ва журналистон сурат мегирад. Бюллетенҳои нобудшуда, ғайримуқаррарӣ ва ғайриҳақиқи алоҳида баста мешаванд. Агар дар рӯзи овоздиҳӣ шикоятҳои хаттӣ омада бошанд, онҳо бояд ба протокол илова карда шаванд

## *Тавсияҳо ба нозирон*

- Боварӣ ҳосил намоед, ки ҳеҷ як аз мӯҳрҳои қуттиҳои овоздиҳӣ вайрон нашудаанд.
- Оё теъдоди аризаҳо барои овоздиҳии хориҷ аз бинои овоздиҳӣ бо теъдоди бюллетенҳоиба ин тартиб додашуда баробар ё зиёд мебошанд?
- Оё ҳамаи нозирон метавонанд ҷараёни муоинакунӣ ва хисобкуниро назорат кунанд. Оё онҳо бюллетенҳоро ба қадри кофӣ хуб дидаанд, ки метавонанд ҳақиқи будани бюллетен, чигунагии қайдҳои бюллетен ва ба дастаҳо дуруст тахт кардани онро муайян бикунанд?
- Оё бо ҳисобкунӣ танҳо аъзои комиссия машғул мебошанд ё онҳо "ёрдамчӣ" доранд?
- Оё баъд аз пӯшидашавии участкаи интихоботӣ ҳама бюллетенҳои боқимонда ҳиооб ва нобуд карда шудаанд?
- Мушоҳида бикунед, ки комиссия бюллетенҳоро ғайриҳақиқӣ шуморида, аз кадом усул ва критерияҳо истифода мекунад ва то чӣ андоза дақиқ онҳоро аз бюллетенҳои ҳақиқи чудо менамояд?
- Оё аъзои комиссияи интихоботӣ бо теъдоди кофии маводҳои зарурӣ таъмин шуда буданд?
- Оё аъзои комиссияи интихоботӣ тартиботи дахлдорро риоя мекарданд?
- Комиссияи участкавӣ ба чӣ тариқ проблемаҳои ихтилофангезро ҳал мекард.
- Оё қуттиҳои овоздиҳӣ тибқи тартиботи муқарраршуда кушода мешуданд.
- Оё протоколҳо аниқ тартибу танзим шудаанд.

- Оё иттилооти дар протокол овардашуда эътимоднок мебошанд.

## Вайронкориҳо дар интихобот

Барои кафолати қонунӣ, адолатнок ва ҳақиқӣ гузаштани интихобот нозирон бояд конунгузории интихоботии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиботи интихоботро хуб донанд, назорат бикунанд, ки қонуну тартиботи қабулшуда аз ҷониби шахсони мақомдори барои интихобот масъул татбиқ карда шаванд ва ҳамчунин ба мушоҳида бигиранд, ки интихобкунандагон дар ҳама марҳалаҳои интихобот тибқи қонунҳо рафтор нармоянд.

Шояд ашхоси мақомдор, интихоботро мегузаронанда, аз сабаби бедиққатӣ ё тайёрии ғайрикофӣ, беғаразона, бидуни хоҳиши вайронкории ҳақиқи ва адолатнокии интихобот, ба саҳву хатои зиёд роҳ медиҳанд. Аз ин сабаб бояд дар хотир дошт, ки фиребгарӣ дар интихобот - ин боғаразона вайрон кардани ҷараёни интихобот, бо мақсади халалрасонии дақиқият ва қонунияти он мебошад. Мақсади намояндаи ҳизб ё номзад дар интихобот муайян кардани амалиёти ғайриқонунӣ аст, ки як қисми нақшаи махсус ва муташаккил мебошад.

Ҳеҷ як аз ашхоси дар участкаи интихоботӣ фаъолияткунанда ҳақ надорад, ки аломат ва нишони ҳизбро намоиш бидиҳад. Ғайр аз ин аз номи ин ё он ҳизб баромад намудан низ мумкин нест.

### Вайронкориҳои пеш аз интихобот

- Таъсиррасонӣ ба интихобкунандагон ва ҳокимяит аз тариқи ришвадиҳӣ.
- Таҳдид ба интихобкунандагон ва аъзои оилаи онон.
- Мамониат кардан ба ҷараёни мӯътадили тайёрӣ барои овоздиҳӣ. Масалан, паҳн намудани овозаҳои бардурӯғ, вайрон кардани воситаҳои наклиёт.
- Вайрон кардани қуттиҳои интихоботӣ ва бюллетенҳо

### Вайронкориҳо дар вақти овоздиҳӣ

- Ашхоси мансабдор ҳуҷҷатҳои дахлдор надоранд.
- Маводҳои зарурӣ бо тартиби кафолати ҳифзу амнияти онҳо қабул карда нашудаанд.
- Баъзе аз бланкаҳо ва маводҳои барои интихобот зарурӣ гум, нобуд, иваз ё мансух шудаанд.
- Ашхоси мансабдор дар участкаи интихоботӣ дар бораи тартиби овоздиҳо донишу иттилои зарурӣ надоранд.
- Тартиби нодурусти тасдиқ кардани шахсияти интихобкунанда.
- Барвақт кушодани участкаи интихоботӣ барои он овозҳои ғайриқонунӣ дода шаванд.
- Кӯчонидани участкаи овоздиҳӣ бидуни эълони пешакӣ.
- Дар участка ҳозир будани ашхоси кафолат надошта ва дахолати онон ба ҷараёни овоздиҳӣ.
- Рад кардани хоҳиши нозирон оид ба наздик шудан ба масофае, ки барои назорати ҷараёни ташкили овоздиҳӣ кофӣ аст.
- Интиқоли ҳуҷҷатҳои овоздиҳӣ дар микёси участка ба тарзе, ки ашхоси кафил наметавонанд дурустии ҷараёни овоздиҳиро назорат бикунанд.

- Хале аён будани ҳуҷраҳои овоздиҳӣ, ки ба таври махфӣ пур кардани бюллетен монеъ мегардад.
- Ҷойгиршавии участка, ки махфӣ будани чараёни овоздиҳиро иҷозат наме диҳад.
- Ҳар гуна суиқасд ба озодӣ ва махфӣ будани овоздиҳӣ.
- Таҳдидҳо ба нишонии интихобкунандагон ҳангоми ба онҳо супурдани бюллетенҳо.
- Боғаразона кашол додани ҷараёни ташкили, ки хоҳиши интихобкунандагонро барои иштирок дар он коҳиш медиҳад.
- Созиши махфии ашхоси расмӣ дар бораи вайронкориҳо
- Надодани бюллетен ба интихобкунандаи расман ба қайд гирифташуда ё додани на бештар аз як бюлллетен ба интихобкунандаи ба қайд гирифташуда.
- Мумкин набудани муқоисаи аниқи имзои интихобкунанда бо қайд аниқ намудани шахсияти интихобкунанда.
- Адами тафтиши шахсияти аъзои комиссияи участкавии интихоботӣ ва дигар ашхоси расмӣ, ки дар участка ҳозир мебошанд.
- Тарсонидан, таҳдидҳо ва зӯроварӣ нисбати интихобкунандагон, ҳамчунин хариди ашхоси расмӣ.
- Овоздиҳӣ аз номи дигар интихобкунандаи қонуни, инчунин истифодаи номи сохта.
- Кӯшиши истифодаи номи бегона ҳангоми овоздиҳӣ.
- Иҷозати овоздҳӣ ба ашхоси ба ин кафил набуда.
- Иҷозати овоздҳӣ бештар аз як бор.
- Иҷозати овоздиҳӣ ба ҷои дигарон ба ашхосе, махсусан ба ононе, ки ба синну соли интихобкунӣ нарасидаанд, бо баҳонаи он ки ба онҳо ин кор иҷозат дода шудааст.
- Овоздиҳӣ ба ҷои одаме, ки ба ин ҳақ дорад, вале ба участка омада натавонистааст.

## Таъмини амнияти бюллетенҳои интихоботӣ

- Вайрон ё пинҳон карданаи қуттиҳои қонунии овоздҳӣ.
- Истифодаи қуттиҳои ғайрирасмӣ барои бюллетенҳо ба ҷои қуттиҳои расмӣ.
- Набудани тафтиш дар ҳолате, ки оё қуттиҳо дар вақти кушодашавии участкаи озоздиҳӣ холӣ буданд ё не.
- Илова кардани бюллетенҳо ба қуттиҳо то ё дар вақти овоздиҳӣ.
- Набудани тафтиши теъдоди бюллетенҳо то вақте, ки онҳо истифода шудаанд.
- Истифодаи бюллетенҳои сохта, нодуруст ва қалбакӣ
- Махфӣ иваз нақудан ё дуздидани қуттиҳои овоздиҳӣ
- Бюллетенҳо ифлос, муҷмал шудаанд ё даридаанд, ки ҳангоми ҳисобкунӣ қайди онҳоро муайян кардан мумкин нест.
- Қайдҳои бюллетенҳо кӯр шудаанд ва ё дар онҳо кӯшишҳои аз нав овоз додан мушоҳида мешаванд.
- Бюллетенҳо баъди ба навъҳо ҷудо кардани онҳо омехта шудаанд ё бастаҳо ба ҷои дигар бурда шудаанд.
- Ба ашхоси ғайрикафил иҷозат дода шудааст, ки дар дасти худ бюллетенҳоро нигоҳ доранд.

Мавод барои нашр аз ҷониби
Маркази Ахбору Тахлилии «ШАРҚ» таҳия шудааст
734042 Душанбе, кӯчаи Бофанда 7, хонаи 9
тел:(992-3772) 218370, 219618
факс:(992-3772) 218995
E-mail: Sharq@tajik.net

Таҳиягарон:
Проф. Музаффар Олимов
Др. Саодат Олимова
Кори техникӣ:
Ҷаъфар Олимов

Информационно-Аналитический Центр «ШАРК»

# Руководство по наблюдению за выборами

*Подготовлено для наблюдателей на выборах депутатов Маджлиси Намояндагон и местных Маджлисов народных депутатов 27 февраля в Республике Таджикистан*

Республика Таджикистан,

Душанбе, 2000

# Введение

В настоящем руководстве вам предлагается информация о предстоящих выборах в Маджлиси намояндагон и местные маджлисы народных депутатов. Кроме того, сюда входит краткое описание некоторых процедур, которые должны соблюдаться членами и сотрудниками избирательных комиссий в день выборов. Наконец, здесь содержатся рекомендации по вопросам, которые будут представлять для вас интерес при исполнении ваших обязанностей в ходе наблюдения за выборами.

Настоящее руководство предлагается вам лишь в качестве дополнения к законам, регулирующим выборы в Республике Таджикистан и инструкциям, разработанным Центральной комиссией по выборам и проведению референдумов РТ, но не заменяет их.

Кроме того, вам потребуется учитывать в своей работе конкретные обстоятельства и полагаться на свои знания, интуицию и здравый смысл.

**Кто осуществляет наблюдение на выборах ?**

Наблюдают за ходом выборов и выявляют обстоятельства, проблемы и нарушения, препятствующие их свободному и честному проведению следующие категории местных наблюдателей :

- Должностные лица, осуществляющие выборы – лица, назначенные ответственными за проведение выборов на избирательных участках.
- Представители политических партий, выдвинувших кандидатов в депутаты.
- Представители кандидатов в депутаты, выдвинувшихся путем самовыдвижения.
- Доверенные лица кандидатов в депутаты.
- Представители средств массовой информации – они и наблюдают за выборами, и освещают их.

**Что подвергается наблюдению в рамках выборов ?**

- Изменение законодательства о выборах
- Формирование участковых избирательных кампаний
- Подготовка списков избирателей
- Справедливость предвыборной кампании
- Процесс подсчета голосов
- Процесс подачи жалоб.

**Кто такой представитель, осуществляющий наблюдение за выборами от имени политических партий и кандидатов в депутаты ?**

Это гражданин, который добровольно отдает свое время и силы партии, членом которой он является, или которой симпатизирует, или кандидату в депутаты, от имени которого он действует, для того, чтобы присутствовать и наблюдать в помещении для голосования соответствующего избирательного участка в день выборов с начала голосования до окончания оформления документов об итогах голосования.

**Почему надо проводить партийное наблюдение за выборами ?**

Наблюдение за выборами со стороны представителей политических партий важно для того, чтобы:

- выявить проблемы, которые возникают в ходе избирательного процесса, и разработать меры по их разрешению;
- помочь политическим партиям Таджикистана проверить официальные результаты выборов на предмет того, были ли они свободными и честными;
- повысить организационные навыки и культуру политических партий , что в целом
- обеспечит развитие демократической политической культуры в стране.

**Цели наблюдения на выборах**

- укрепить общественное доверие к выборам, что, в свою очередь, повысит политическую активность, степень участия граждан в избирательном процессе;
- обеспечить открытость и гласность при проведении выборов;
- снизить уровень принуждения в процессе голосования – уже само физическое присутствие наблюдателей поможет предотвратить наиболее явные инциденты, связанные с принуждением;
